# Шарҳи моҳонаи таваррум • Феврали 2017

**Дар моҳи феврали соли ҷорӣ сатҳи таваррум 1,1%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи январ 0,5 банди фоизӣ зиёд мебошад. Сатҳи таваррми солона (дар 12 моҳи охир) бошад, дар муқоиса ба моҳи январ (5,3%) ба андозаи 0,6 банди фоизӣ зиёд гардида, 5,9%-ро ташкил намуд.**

Дар давраи баррасишаванда сатҳи таварруми солона аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквории ба андозаи 6,3 фоиз (1,4% м/м)[1] ва маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ 5,0 фоиз (0,3% м/м) ҳосил гардид. Тарифаҳои хизматрасонии маъмуран муқарраршаванда бошад, то 5,4 фоиз (1,6% м/м) боло рафтанд.

Таҳлилҳои маълумоти оморӣ муайян намуданд, ки дар сохтори тағйирёбии нисбии таваррум таъсири омилҳои ғайримонетарӣ асосӣ буд. Дар баробари ин, аз тарафи омилҳои фундаменталӣ ба монанди, барзиёдии талаботи маҷмӯӣ, интизориҳои таварруми истеъмолкунандагон ва ё омили қурбӣ, дар моҳи феврал фишорҳо ба таваррум дар сатҳи нисбатан пасттар қарор доштанд.

**Нишондоди мазкури сатҳи таваррум дар моҳи ҳисоботӣ асосан аз ҳисоби таъсири омилҳои мавсимӣ ба вуқӯъ пайваста, раванди ҳамасолаи худро идома дод. Ҳамзамон, омилҳои дигари таъсиррасон ба нисбатан кам шудани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти хӯроквории серистеъмол (бахусус, картошка ва пиёз) ва маводи сӯзишворӣ (гази моеъ ва бензин) алоқаманд буда, илова ба ин боришоти зиёди барф ва фаромадани тармаҳо дар минтақаҳои баландкӯҳ, ки ҳаракати нақлиётро дар шоҳроҳҳои асосии мамлакат мураккаб намуд, то андозае ба болоравии умумии сатҳи нархҳо замина гузошт.**

Бо вуҷуди ин, дар маҷмӯъ таваррум дар сатҳи дурнамои муқарраршуда ва нишондиҳандаи мақсаднок, ки дар доираи 7,0% солона пешбинӣ гардидааст, қарор дорад.

**Таварруми аслӣ[2], ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи феврал раванди муътадили пастравӣ дошт ва бо арзёбии солона ба 1,9% баробар шуд (-0,6% м/м[1]).** Ба ин раванд сатҳи муътадили нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ, маҳсулоти тайёри хуроквори инчунин хизматрасонии бозорӣ бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Баръакси моҳи январ, дар моҳи феврал гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд, ба болоравии қисмати ғайриаслии таваррум мусоидат намуд.** Аз ҷумла, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои маҳсулоти хоми

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, солона бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)






хӯрокворӣ, асосан сабзавот (11,6% м/м ё 30,1% с/с) афзоишёбӣ доштанд. Дар навбати худ, нархҳои биринҷ (-1,4% м/м ё -9,5% с/с), орд (-0,6% м/м ё 5,0% с/с), тухм (-0,9% м/м ё 16,7% с/с) ва меваҷот (-0,2% м/м ё 12,2% с/с) дар моҳи феврал коҳиш ёфтанд.

Дар сохтори ғайрихӯрокворӣи таваррумӣ ғайриаслӣ афзоиши нархи сузишвории нақлиёт (4,0% м/м ё 6,8% с/с) вобаста ба кам гардидани таклифоти он бинобар сабаби баста шудани шоҳроҳи Душанбе-Чанок (Душанбе-Хуҷанд) ба амал омада, нархи хизматрасониҳо бошад, нисбат ба моҳи қаблӣ бинобар қиматшавии нархи гази моеъ (7,1% м/м ё 0,9% с/с), обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ (9,8% с/с, маориф 15,5% с/с) ва хизматрасонии нақлиётӣ (3,2% м/м ё 1,4%с/с) раванди болоравӣ доштанд.

**Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки дар моҳи марти соли равон омилҳои мавсимӣ, монетарӣ ва берунӣ (фишорҳои қурбӣ) метавонанд таъсири худро ба сатҳи таваррум расонанд.**

**Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо ва пешгирии фишорҳои таваррумӣ, сиёсати пулию қарзиро таҷдиди назар менамояд, то ин ки меъёри таваррум дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи пешбинишудаи 7,0 фоизи солона нигоҳ дошта шавад.**

**Таварруми солона ва саҳми сохтории он, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)







[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

[2] - Таварруми аслӣ бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, моводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | Феврал, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | | | | | | | | | | | 2017 | | |
| | | | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,4** | **5,7** | **5,5** | **5,3** | **5,6** | **6,1** | **6,4** | **6,4** | **6,1** | **6,2** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **1,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,0** | **3,8** | **5,1** | **3,4** | **2,9** | **2,2** | **3,8** | **5,0** | **5,0** | **4,8** | **5,3** | **5,7** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,3 | 9,1 | 8,6 | 2,9 | 0,8 | 1,4 | 0,5 | -0,7 | -1,5 | -1,5 | -0,9 | -1,3 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -0,6 |
| Биринҷ | 3,1 | 11,6 | 9,4 | 7,4 | 4,1 | 0,4 | -0,9 | -4,7 | -5,2 | -4,6 | -5,4 | -8,0 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -1,4 |
| Орд | 10,4 | 7,8 | 7,1 | -1,1 | -3,4 | -1,5 | -2,6 | -3,0 | -4,2 | -4,3 | -3,0 | -2,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -0,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,1 | -10,2 | -5,8 | -4,9 | -5,2 | -5,0 | -4,9 | -4,5 | -2,5 | -2,4 | -2,1 | -0,8 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 6,2 | -14,3 | -8,8 | -8,0 | -8,4 | -8,4 | -8,4 | -7,9 | -5,2 | -5,2 | -5,0 | -3,4 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 0,6 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 2,3 | 0,3 | -0,8 | 3,9 | 5,0 | 4,9 | 4,3 | -0,8 | 18,3 | 20,8 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | -0,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,6 | 7,3 | 1,1 | 1,0 | 2,7 | 4,0 | 3,5 | 4,2 | 4,9 | 4,2 | 5,5 | 1,8 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 0,4 |
| Шир | 0,4 | 16,1 | -3,9 | -4,8 | -1,8 | 1,7 | -0,7 | 0,8 | 2,0 | -0,1 | 3,4 | -6,3 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 1,7 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 3,8 | 12,7 | 18,7 | 17,8 | 17,6 | 15,6 | 15,7 | 15,4 | 13,9 | 11,9 | 11,3 | 10,3 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 0,9 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 8,6 | 14,4 | 14,3 | 10,7 | 9,5 | 13,0 | 22,3 | 31,0 | 29,1 | 20,7 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | -0,2 |
| Сабзавот | 8,8 | -12,4 | -11,5 | -13,5 | -12,0 | -14,0 | -0,5 | 13,1 | 9,0 | 5,5 | 2,7 | 8,9 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 11,6 |
| Шакар | 1,9 | 19,3 | 30,7 | 28,8 | 24,6 | 27,0 | 27,9 | 21,9 | 21,9 | 21,8 | 22,7 | 19,9 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | -0,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 16,0 | 19,4 | 20,3 | 23,5 | 24,0 | 22,0 | 20,2 | 20,2 | 20,1 | 19,2 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **16,9** | **16,9** | **11,7** | **11,7** | **11,7** | **13,9** | **13,9** | **20,4** | **19,4** | **16,5** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **17,7** | **18,8** | **19,1** | **23,0** | **19,5** | **17,1** | **16,1** | **15,4** | **16,0** | **14,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,5** | **7,9** | **8,8** | **9,5** | **9,7** | **10,3** | **9,4** | **8,1** | **8,2** | **8,1** | **7,5** | **6,6** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 10,2 | 9,2 | 15,6 | 16,1 | 16,5 | 18,6 | 18,5 | 17,2 | 17,3 | 16,9 | 16,6 | 15,4 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,9 | 2,2 | 1,0 | 1,3 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | -1,6 | -1,8 | -0,8 | -1,1 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,1 |
| Маводи шустушуй | 1,5 | 15,5 | 11,1 | 10,4 | 9,2 | 8,7 | 8,7 | 7,8 | 6,5 | 6,5 | 6,0 | 4,3 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 0,2 |
| Доруворӣ | 2,6 | 24,7 | 28,4 | 32,6 | 32,6 | 32,0 | 24,8 | 15,3 | 16,0 | 16,0 | 15,6 | 18,1 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | -0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 7,5 | 6,9 | 10,8 | 11,6 | 2,3 | 2,4 | 7,9 | 10,5 | 8,6 | 3,3 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 4,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,5 | 19,0 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 17,1 | 6,1 | 3,7 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | -1,8 |
| Васоити нақлиёт | 1,2 | -2,0 | -1,6 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | -0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодаба | 1,3 | 7,6 | 9,5 | 9,6 | 9,4 | 9,7 | 9,7 | 9,1 | 7,6 | 6,0 | 8,4 | 7,9 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | -0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,2** | **2,2** | **4,4** | **4,5** | **4,6** | **4,8** | **2,8** | **4,4** | **6,3** | **7,0** | **4,4** | **5,4** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **1,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,9 | 3,2 | 4,0 | 1,6 | 2,7 | 2,5 | 1,2 | 2,5 | 5,2 | 5,8 | 5,4 | 11,1 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 1,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 14,3 | 14,3 | 12,3 | 12,3 | 9,7 | 9,7 | 9,7 | 5,9 | 5,7 | 2,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 0,0 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 2,3 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,5 | 0,0 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 10,6 | 28,6 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,2 | -6,3 | 5,2 | -6,5 | 0,9 | 0,3 | -8,6 | -5,5 | 4,9 | 9,4 | 6,9 | -2,2 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 7,1 |
| Нақлиёт | 4,3 | -2,3 | 4,2 | 7,6 | 7,6 | 7,5 | 3,5 | 6,9 | 10,2 | 10,0 | 2,3 | 0,2 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 3,2 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,2 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 2,6 | 12,1 | 11,8 | 11,3 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 0,4 |
| Тандурустӣ | 0,7 | 14,0 | 14,4 | 12,2 | 7,0 | 7,0 | 4,3 | 4,3 | 4,3 | 3,7 | 3,4 | 1,9 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,5 | 12,3 | 10,1 | 9,9 | 8,8 | 11,6 | 11,1 | 11,1 | 10,7 | 8,2 | 7,5 | 4,9 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ*